# 9104 - Шартҳои қабул шудани шаҳодатайн (ду шаҳодат)

**савол**

Саволи ман ба мавзӯи яке аз хутбаҳо дахл дорад. Имом дар бораи калима суханронӣ намуда, гуфт, ки ин калима шартҳое дорад. Донишмандон зикр кардаанд, ки он 9 то ва ё наздик ба ҳамин адад шартҳое дорад, ки агар инсон онҳоро ба ҷой оварад, метавонад вориди ҷаннат шавад. Ӯ гуфт, ки танҳо талаффуз намудани калимаҳо кофӣ нест. Ман мехостам ин шартҳоро бидонам. Ӯ баъзе аз он шартҳоро зикр намуд, аз ҷумла:

Аввал: Донистани ин калима.

Дуввум: Яқин.

Оё шумо дар ин бора чизе медонед? Оё метавонед шартҳои боқимондаро ба ман зикр кунед? Ман кӯмаки шуморо иншоаллоҳ қадрдонӣ мекунам.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шояд манзури шумо аз калима, калимаи тавҳид, яъне шаҳодатайн (Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур расулуллоҳ) аст. Имомхатиб ҳам ҳаминро дар назар дорад.

Шаҳодатайн якчанд шартҳое дорад, аз ҷумла:

**Аввал: Илм.**

Илм бо маънояш, ки мақсад аз он нафй ва исбот буда ва он мухолифи ҷаҳлу нодонӣ аст.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا الله

سورة محمد: ١٩

**«Пас бидон, ки маъбуде (ба ҳақ) ҷуз Аллоҳ нест».** (Сураи Муҳаммад: 19).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِلَّا مَن شَهِدَ بِٱلۡحَقِّ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ

سورة الزخرف: ٨٦

**«Магар касоне, ки ба ҳақ (яъне ба ло илоҳа иллаллоҳ) гувоҳӣ диҳанд ва онон (бо дилҳояшон маънои он чизеро, ки ба забон овардаанд) медонанд».** (Сураи Зухруф: 86).

Дар саҳеҳ аз Усмон (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар касе, ки бимирад ва бидонад, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, вориди биҳишт мешавад».**

**Дуввум: Яқин.**

Яқин мухолифи шакку шубҳа аст. Яъне гӯяндаи он ба маънои ин калима яқини қатъӣ дошта бошад, зеро барои имон танҳо илми яқин лозим аст ва илми гумонӣ кофӣ нест. Агар шак ба он дохил шавад, чӣ мешавад?

Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ بِاللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمۡ يَرۡتَابُواْ وَجَٰهَدُواْ بِأَمۡوَٰلِهِمۡ وَأَنفُسِهِمۡ فِي سَبِيلِ اللهِ أُوْلَئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ

سورة الحجرات: ١٥

**«Мӯъминон танҳо касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ ва расулаш имон овардаанд, сипас шакку тардиде накарданд ва бо молҳо ва ҷонҳояшон дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод карданд, ҳамоно инҳо ростгӯёнанд».** (Сураи Ҳуҷарот: 15).

Аллоҳ таъоло (дар ин оят) барои сидқи имонашон ба Аллоҳ ва расули Ӯ шарт гузоштааст, ки тардид накунанд, яъне шак накунанд, аммо шаккунанда аз ҷумлаи мунофиқон аст, паноҳ ба

Аллоҳ.

Ва дар саҳеҳ аз ҳадиси Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки расулаллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Гувоҳӣ медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде (бар ҳақ) ҷуз Аллоҳ нест ва ман фиристодаи Аллоҳ ҳастам. Ҳар бандае бо ин ду (яъне бо ин ду шаҳодат) бо Аллоҳ мулоқот бикунад ва дар он шакку шубҳае надошта бошад, аз дохил шудан ба биҳишт боздошта намешавад».**

**Саввум: Қабул.**

Қабул намудани муқтазои ин калима бо қалбу забон аст.

Сипас оиди касоне, ки онро қабул кардаанд, фармуд:

إِلَّا عِبَادَ اللهِ الْمُخْلَصِينَ ۝ أُوْلَئِكَ لَهُمْ رِزْقٌ مَّعْلُومٌ ۝ فَوَاكِهُ وَهُم مُّكْرَمُونَ ۝ فِي جَنَّاتِ النَّعِيمِ

سورة الصافات: ٤٠ – ٤٣

**«Магар бандагони мухлиси Аллоҳ. Онҳо ризқ ва рӯзии муайян доранд. (Анвои) меваҳо ва онон гиромӣ доштагонанд. Дар боғҳои пурнеъмати (биҳишт)».** (Сураи Соффот: 40 - 43), то охири оятҳо.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

مَن جَاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ خَيْرٌ مِّنْهَا وَهُم مِّن فَزَعٍ يَوْمَئِذٍ آمِنُونَ

سورة النمل: ٨٩

**«Ҳар ки некӣ биёварад, подоши беҳтар аз он хоҳад дошт ва онон аз ваҳшати он рӯз дар амонанд».** (Сураи Намл: 89).

Дар саҳеҳ аз Абумӯсо (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст, ки мефармояд: «**Мисоли ҳидоят ва илме, ки Аллоҳ маро бо он фиристод, ҳамонанди борони зиёде аст, ки ба замине биборид, баъзе ҷои он замин пок ва қобили кишт аст, обро қабул мекунад ва алафу гиёҳони зиёде мерӯянд ва баъзе**

**ҷои он замин хушк аст, обро нигаҳ медорад, ки Аллоҳ бо воситаи он ба мардум манфиат мерасонад, онон аз он нӯшиданд, обёрӣ карданд ва зироат намуданд ва баъзе ҷои он замин шӯразор аст, ки на обро нигаҳ медорад ва на гиёҳе мерӯёнад ва он мисоли касест, ки дар дини Аллоҳ фақеҳ гардад ва илме, ки ман бо он фиристода шудаам, ба ӯ фоида расонида, онро дониста ва ба дигарон низ омӯхтааст. Мисоли касе, ки ба он илм беэътиноӣ карда ва роҳи росте, ки ман овардаам, қабул накардааст».**

**Чаҳорум: Таслим шудан.**

Таслим шудан ба он чи ки ин калима далолат мекунад, бар хилофи тарк намудани он.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَأَنِيبُوا إِلَى رَبِّكُمْ وَأَسْلِمُوا لَهُ

سورة الزمر: ٥٤

**«Ба сӯи Парвардигоратон бозгардед (ва рӯй овардед) ва барои Ӯ таслим шавед».** (Сураи Зумар: 54).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَنْ أَحْسَنُ دِينًا مِمَّنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ

سورة النساء: ١٢٥

**«Ва чи касе некоинтар аст аз касе, ки худро таслими Аллоҳ мекунад ва накӯкор аст?»** (Сураи Нисо: 125).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَن يُسْلِمْ وَجْهَهُ إِلَى اللهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَقَدِ اسْتَمْسَكَ بِالْعُرْوَةِ الْوُثْقَى وَإِلَى اللهِ عَاقِبَةُ الْأُمُورِ

سورة لقمان: ٢٢

**«Ва ҳар кас рӯи хешро таслими Аллоҳ кунад, дар ҳоле, ки некӯкор бошад, ба ростӣ ба дастовези маҳкаме (яъне ба ло илоҳа иллаллоҳ) чанг задааст ва саранҷоми (ҳамаи) корҳо ба сӯи Аллоҳ аст».** (Сураи Луқмон: 22).

Маънои "рӯи хешро таслим кунад" яъне ба он гардан ниҳад, дар ҳоле ки некӯкор ва муваҳҳид аст.

**Панҷум: Сидқ.**

Сидқу ростӣ дар он, акси дурӯғ аст. Маънои он ин аст, ки ин суханро сидқан аз қалбаш бигӯяд, ки қалбу забон бо якдигар мувофиқат кунанд.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

الم ۝ أَحَسِبَ النَّاسُ أَن يُتْرَكُوا أَن يَقُولُوا آمَنَّا وَهُمْ لَا يُفْتَنُونَ ۝ وَلَقَدْ فَتَنَّا الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ فَلَيَعْلَمَنَّ اللهُ الَّذِينَ صَدَقُوا وَلَيَعْلَمَنَّ الْكَاذِبِينَ

سورة العنكبوت: ١ – ٣ .

**«Алиф, лом, мим. Оё мардум пиндоштаанд, ҳамин ки бигӯянд: "Имон овардем" раҳо мешаванд ва озмуда намешаванд? Ва ба ростӣ касонеро, ки пеш аз онон буданд, озмудем ва албатта Аллоҳ касонеро, ки рост гуфтаанд, маълум мекунад ва дурӯғгӯёнро (низ) маълум месозад».** (Сураи Анкабут: 1 - 3), то охири оятҳо.

Дар "Саҳиҳайн" ("Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим) аз Муоз ибни Ҷабал (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст, ки мефармояд: **«Ҳеҷ касе нест, ки содиқона аз қалбаш гувоҳӣ диҳад, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, магар ин ки Аллоҳ ӯро бар оташи ҷаҳаннам ҳаром мегардонад».**

**Шашум: Ихлос.**

Ихлос ин пок сохтани амал бо нияти нек аз тамоми олудагиҳои ширк мебошад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

أَلَا لِلَّهِ الدِّينُ الْخَالِصُ

سورة الزمر: ٣

**«Огоҳ бошед, ки дини холис (ва холӣ аз ширк) аз они Аллоҳ аст».** (Сураи Зумар: 3).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمَا أُمِرُوا إِلا لِيَعْبُدُوا اللهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ حُنَفَاءَ

سورة البينة: ٥

**«Ва онон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро мухлисона ва бар пояи ойини тавҳидӣ, дар ҳоле ибодат кунанд, ки дин ва ибодатро махсуси Ӯ бидонанд».** (Сураи Баййина: 5).

Дар саҳеҳ аз Абуҳурайра аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят шудааст, ки мефармояд: **«Хушбахттарин мардум ба шафоати ман касест, ки холисона аз қалбу нафсаш бигӯяд, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест».**

**Ҳафтум: Муҳаббат.**

Он дӯст доштани ин калима, муқтазо ва далолоти он ва ҳамчунин дӯст доштани аҳли ин калима, ки бо он амал мекунанду, ба шартҳои он пойбанданд ва бад дидани мухолифи он.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَمِنَ النَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ اللهِ أَندَادًا يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ اللهِ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَشَدُّ حُبًّا لله

سورة البقرة: ١٦٥

**«Ва аз мардум касоне ҳастанд, ки ба ҷуз Аллоҳ ҳамтоёне мегиранд, ки онҳоро монанди дӯст доштани Аллоҳ дӯст медоранд, вале касоне, ки имон овардаанд, Аллоҳро бештар дӯст медоранд».** (Сураи Бақара: 165).

Нишонаи муҳаббати банда ба Парвардигораш ин аст, ки ҳар он чизеро, ки Аллоҳ дӯст дорад,

аз дигар чизҳо боло бидонад, гарчанде ки бар хилофи нафси ӯ бошад, ҳар он чизеро, ки Парвардигораш бад бинад, аз он нафрат бикунад, агарчи ба он майл дошта бошад, дӯстони Аллоҳ ва расули Ӯро дӯст дорад, бо душманони Аллоҳ душманӣ кунад, расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро пайравӣ намояд, аз паси ӯ биравад ва роҳнамоии ӯро бипазирад. Ҳамаи ин нишонаҳо шартҳои ин муҳаббат аст ва наметавон тасаввур кард, ки ин муҳаббат бе ин шартҳо вуҷуд дошта бошад.

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Се чиз аст, ки агар дар инсон бошад, ширинии имонро дармеёбад: Ин ки Аллоҳ ва расули Ӯ маҳбубтар аз ҳама чиз бошанд ва ин ки мардро танҳо ба хотири Аллоҳ дӯст бидорад ва ин ки аз баргаштан ба куфр баъд аз он ки Аллоҳ ӯро аз он наҷот дод, нафрат дошта бошад, ҳамчуноне, ки аз партофта шудан дар оташ нафрат дорад».** (Бухорӣ ва Муслим аз Анас ибни Молик ривоят кардаанд).

Баъзе аз донишмандон шарти ҳаштумеро илова намудаанд, ки он куфр варзидан ба ҳар чизе ки ба ғайри Аллоҳ парастида мешавад, (яъне куфр ба тоғут).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳар ки "ло илоҳа иллаллоҳ" гӯяд ва ба ҳар чизе ки ба ҷуз Аллоҳ таъоло парастида мешавад, куфр варзад, молу хуни ӯ ҳаром мегардад ва ҳисоби ӯ бар Аллоҳ аст».** Ривояти Муслим.

Барои ҳифз намудани хуну мол дар баробари гуфтани "ло илоҳа иллаллоҳ" ин куфр варзидан ба ҳар чизе, ки ба ҷуз Аллоҳ таъоло парастида мешавад, ҳар касе ки набошад.